мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҷлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

Навгонии таҳқиқоти илмиро асоснок намудани чанбаҳои назариявӣ методологии такмили механизми маъмурикунонии андоз ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба самаранокии ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ дар шароити муосир ташкил медиҳад.

Унсурҳои асосии навгониҳои илмӣ инхоянд:

- дар асоси омузиш ва чамъбасти дастаҷамъонаи нуктаҳои мухталифи назариявӣ таърифи худи муаллиф оид ба мафҳуми "маъмурикунонии андоз" пешниҳод гардидааст, ки он аз маҷмӯи коидаҳо, тадбирҳо ва фишангҳои дастаҷамъонаи бо ҳам алоқаманд иборат буда, ба баланд бардоштани имкониятҳои молиявӣ-иктисодии субъектҳои муносибатҳои андозӣ, беҳтаршавии воридоти андозу пардохтҳо ба буҷети давлатӣ, ҳавасмандӣ ва рушди фаъолияти солибкорӣ равона карда шудааст;

- принсип ва вазифаҳои асосии ташаккул ва такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир нишон дода шудааст, ки он ба муккамалгардонии низоми андозбандӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, назорати самаранокии исгифодаи имтиёзҳои андозӣ равона карда шуда, бо назардошти таҷрибаи такмили маъмурикунонии андоз дар кишварҳои рушдкардаи иктисодӣ муайян ва мушаххас гардидаанд;

- вазъи кунунии низоми андозӣ ва андозбандӣ дар ҷумҳурӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода шуда, раванди маъмурикунонии андоз, аз ҷумла баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд, назорату санҷишҳои андозӣ, чораҳои маҷбуран ситонидани карзҳои андозӣ, меъёру имтиёзҳои андозӣ, нишондиҳандаҳои асосии барои самаранокии фаъолияти кормандони мақомоти андоз дар каламрави кишвар муайян, қиёс ва баҳодиҳию натиҷагирӣ карда шудааст;

- самтҳо ва ролҳои асосии такмили механизми маъмурикунонии андоз дар чумҳурӣ пешниҳод гардидааст, ки он ба истифодаи технологияҳои муосир ва рушди иктисоди рақамӣ дар раванди андозбандӣ, махдуд намудани санҷишҳои сайёри андоз бо роҳи истифодаи низомҳои муосири назорати андозӣ, меъёр ва усулҳои нави андобандӣ ва ҳавасмандии иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин замина ҷалби бештари сармояҳо ба иқтисодиёти кишвар нигаронида шудааст;

- чораҳои танзими давлатии такмили механизми маъмурикунонии андоз муайян ва мушаххас карда шудааст, ки онҳо ба истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ, ба роҳ мондани низоми муосир ва афзалиятҳои назорату

санчишҳои андозӣ, сатҳу сифати маъмурикунонии андоз, танзими саривақтии воридшавии андозҳо ва дигар пардохтҳои хатмӣ ба буҷети давлатӣ асос ёфта, ба рушди иқгисодиёти миллӣ ва фаъолияти самаранокии низоми андозӣ дар Ҷумҳурӣ мусоидат менамояд;

- пешниҳоди тамсилаи илман асоснокшуда оид ба самаранокии механизми маъмурикунонии андоз таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки вобастагии рушди иқтисодиёти кишвар ва ҷамъоварии маблағҳои андозӣ, иҷрои саривақтии уҳдадории андозӣ, истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ ва ҳавасмандии иқтисодии андозсупорандагонро баҳогузорӣ намуда, сарфаи вақти андозсупорандагонро ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, дастгирии молиявии давлатӣ ва бештар ворид гардидани андозҳо ва пардохтҳои ҳатмиро ба буҷети давлатӣ таъмин менамояд.

- Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои илмии диссертатсия ба ташаккули ҷанбаҳои назариявӣ-методологии механизми маъмурикунонии андоз ва рушди низоми андозбандӣ дар Ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои илмӣ-амалии кори диссертатсионӣ, дар мақомоти андоз ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ, ки барои ҳисоб ва пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ масъуланд, истифода карда мешаванд. Махсусан, метавонанд дар фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳо, мақомоти дигари дахлдори давлатӣ истифода бурда шаванд.

- Баъзе аз хулоса ва пешниҳодҳо, ки дар кори илмӣ дарҷ гардидаанд, ҳам аз руйи мавқеи назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми андозӣ, беҳтар намудани маъмурикунонии андозҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати ҷамъоварии андозҳо, паст намудани меъёрҳои андоз, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ метавонанд мусоидат намоянд.

- Саҳми шахсии довталаб дар он муайян мегардад, ки иҷрои нақшаи кори диссертасионӣ, аз ҷумла интихоби мавзӯъ, асоснокунӣ, мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва аҳамиятнокии он бо иштироки бевоситаи диссертант таҳия гардидааст. Истифодаи тавсияҳои мазкур ҳангоми такмил ва татбиқи сиёсати андозӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои нав ва пешкадами низоми андозбандӣ, аз ҷумла назорати андоз, фаъолияти самараноки мақомоти андози кишвар мавриди истифода қарор гирифтанд. Пешниҳоди алоҳидаи муаллиф аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи Кодекси андоз ва ворид намудани тағийру иловаҳо бо мақсади такмили ҳамин Кодекс мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- Ҳамчунин, таҳияи илмии дисертант дар раванди омӯзиш дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳангоми омӯзиши

курсҳои таълимии “Андоз ва андозбанд” ва “Маъмурикунонии андоз” истифода бурда шудааст.

-Сохтор ва хаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқадима, се боб, хулоса ва пешниҳодот ва феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 168 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки фарогири 22 ҷадвал, 3 диаграмма ва 6 расм мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда номгӯи сарчашмаҳои мавриди истифода қарор гирифта, аз ҷумла муаллифони хориҷиро дар бар мегирад.

-Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти кори илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

-Новобаста аз бартариҳои мавҷудаи рисолаи мазкур чунин камбудиҳо ва хатогиҳоро пешниҳод менамоем:

-хуб мешуд, ки дар боби якум асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули маъмурикунонии андоз дар шароити муосир иқтибосҳои олимони тоҷикро бештар меовардед;

-дар боби 1.3. агар таҷрибаи кишварҳои собиқ Шуравӣ дар механизми маъмурикунонии низоми андозии мо бештар истифода мешуд, он бештар мафиат медод;

-дар боби 2.1 ва 2.2. таҳлили вазъи низоми андозӣ ва андозситонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷадвалҳои таҳлилӣ характери оморӣ доранд, агар онҳоро ба ҷадвалҳои натиҷавӣ агар муаллиф табдил медод, хам сифату хам натиҷаи таҳқиқотро баланд мебардошт;

-дар 2.3. нишондиҳандаҳои асосиии баҳои механизми маъмурикунонии андозро бояд бо факту рақамҳои дақиқ баён намуд, чунки формулаҳои хеле хуб оварда шудааст, аммо таҳлили натиҷавии он мувофиқ карда нашудааст;

-дар боби сеюм самтҳои асосии такмили механизми маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои онро бо маводҳои амалӣ-таҷрибавӣ пурзур намудан мумкин аст ва аз уҳдаи ин масъала муаллиф тез мебарояд, чунки вай худ корманди мақомоти андоз мебошад;

-хулосаю пешниҳодҳои рисоларо боз ҳам пурзур ва мушаххас намудан лозим аст;

-диссертатсия дорои хатогии техникӣ-имлоӣ мебошад, ки ба онҳо диққати махсус дода шавад.

-Ҳамин тавр, диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзӯи “Такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, гардиши пул ва қарз, кори илмии мукаммали анҷомёфта ба ҳисоб рафта, он ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, танҳо баъди таҷдиди назар ва ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, барои гузаштани давраҳои ояндаи ҳимоявӣ тавсия дода мешавад.

**Такризнавис:**
**Директори ПИТ "Молия"** **Ҷумабоев Х.Қ.**

Имзои н.и.и., Ҷумабоев Хуршедро тасдиқ менамоям.

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Шарипов У.А.**

# ТАКРИЗ

**ба диссертатсияи Халифазода Саидаҳтам дар мавзӯи «Такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 Молия, гардиши пул ва қарз**

Мубрамии мавзӯи таҳқиқот. Бо баробари бадастовардани истиқлолият ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди шаклҳои гуногуни моликият, таъмини ракобатпазирӣ ва муносбатҳои хоҷагидорӣ тағйир ёфта, зарурати азнавсозии муносибатҳои молиявӣ-иктисодӣ ба миён омадааст. Дар ин раванд, ҷори намудани низоми нави андозбандӣ ва механизми маъмурикунонии он мутобиқ ба шароити муосир, ки манфиатҳои давлат ва субъектҳои хоҷагидорро ҳифз ва ҳимоя менамояд, бояд ба рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва таҳкими имкониятҳои буҷети давлатӣ мусоидат намояд.

Татбиқи амалии сиёсати андозӣ аз бисёр чиҳат аз такмили механизми маъмурикунонии андоз, бахусус дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ, баҳодиҳии хавфҳои андозӣ ва дар заминаи он пурзур намудани назорату санҷишҳои андозӣ вобастагии калон дорад. Масоил ва мушкилоти мазкур аз баланд бардоштани самаранокии низоми андозӣ ва такмили механизми маъмурикунонии он, беҳтар намудани фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва ҳавасмандии иқтисодии субъектҳои хочагидорӣ манша гирифта, таҳқиқи назариявӣ - амалӣ ва пешниҳоду хулосаҳои мушаххасро оид ба такмили механизми маъмурикунонии андоз тақозо менамояд, ки он барои суботи молиявии кишвар барои солҳои тулонӣ хизмат хоҳад кард. Ҳалли масъалалои мазкур мубрамият ва муҳиммияти мавзӯи тадкиқоти илмиро муайян намудааст.

Ҳамин тавр, аҳамияти тадқиқоти илмии Халифазода Саидаҳтам аз зарурати таҳлили хамаҷонибаи такмили механизми маъмурикунонии андоз ва низоми андозӣ равона карда шуда, имкон медиҳад тавсияҳои методологӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии чамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ва идоракунии кормандони мақомоти андоз аз манфиат холӣ нест.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, гардиши пул ва қарз мувофиқат менамояд.

Вазифаҳои таҳқиқот вобаста ба мақсади он таҳия шуда, ба мазмун ва мундариҷаи кор мувофиқат менамояд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо озмоишҳо, саҳеҳии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва